«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров
профессор Усмонзода А.И.
« 3 » январи 2023

# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ОЛИМОНИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобокулович таҳти унвони «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Муҳаммадалӣ Музаффар – доктори илми фалсафа, профессор, Узви вобастаи АМИТ.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраҳои умумидонишгоҳии фалсафа ва сиёсатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» баррасӣ ва муҳокима гардида, аз таърихи 31.05.2022, қарори №10 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров Ҷӯраева Манучеҳр Бобокуловичро таҳти унвони «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа бо ширкати муқарризон – Мирбобоев Максудҷон Қориакрамович номзади илми фалсафа, дотсенти кафедраи ҷомеашиносии ДИСДДТТ, Ҳасанова Зебиносо Абдулатиповна номзади илми фалсафа, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров баррасӣ ва муҳокима намуданд.

Дар навбати аввал номзади илми фалсафа, дотсенти кафедраи ҷомеашиносии ДИСДДТТ Мирбобоев Максудҷон Қориакрамович баромад карда қайд намуд, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аз симоҳои бузургтарини илму фарҳанг ва фалсафаи тоҷику форс буда, мероси хеле бойро аз худ боқӣ гузоштааст. Осори мутафаккир масъалаҳои фалсафӣ, иҷтимоию сиёсӣ, адабиёт, санъат, мусиқӣ ва ғайраро фаро мегирад.

Аз мавзуъҳои марказии фалсафаи давраи қадим ва асари миёнаи тоҷик масъалаи тарбияи инсон. Ташакули инсони комил маҳсуб меёбад.Ҷомӣ ин суннати фалсафаи ҷовидонаи аҷдодиро идома бахшидааст. Мавзуи мавсуф ҳам дар осоре, ки Мавлоно ба таълимоти тасаввуф бахшидааст, ҳам дар асарҳои адабии ӯ ҷойгоҳи асосиро ишғол менамояд.

Боиси қаноатмандист, ки унвонҷӯ Ҷураев М.Б. рисолаи номзадии худро ба ин мавзуи мубрами замон бахшидааст, ки яке аз иқдомҳои аввалин дар омӯзиши масъалаи инсон дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ ба шумор меравад.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мувофиқ аст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, ки яке дорои се зерфасл буда, ҳамчунин, хулоса, фехристи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, усули таҳқиқ сарчашмаҳои маводи гирдомада, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва монанди инҳо арзёбӣ гардидаанд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки аз се зерфасл иборат аст, Ҷураев М.Б. зиндагӣ, мероси Абдураҳмони Ҷомӣ, вазъи иҷтимоию сиёсии замони ӯ, нақши таълимоти тасаввуф дар ташаккулу такомули ҷаҳонбинии мутафакирро баррасӣ намудааст.

Дар боби дуюми рисола, ки аз се зерфасл иборат аст, ба андешаи муаллиф тасаввуф,махсусан, утопияи иҷтимоии он ба ташаккули ҷаҳонбинии Ҷомӣ таъсири бузург расонидааст, сохти ҷомеаи хаёлии одилона ва консепсияи суфионаи инсони комили пешниҳод кардаи ӯ, далели возеҳи ин мебошад. Мутафаккир маҳз зери таъсири ин консепсия ғояҳо ва андешаҳоеро пешниҳод мекунад, ки дар онҳо шаъну шарафи инсон, нақш ва мақоми волои ӯ дар ҷомеа тақозои камолоти маънавӣ ва ахлоқии вайро асоснок менамояд.Ҷомӣ ба имкониятҳои бузурги инсон, нақши созандагӣ, қобилиятҳои ӯ имони комил дошт. Мутафаккир образи идеалии шоҳи ҳаким, хирадманд, комил, адолатпарвар, хайрхоҳу раъиятпарварро офарида аст, ки асарҳои ҷовидонаи ӯ “Хираднномаи Искандарӣ” ва “Саломон ва Абсол”далели он мебошад.

Муҳаққиқ Ҷураев М.Б. муайян намудааст, ки Ҷомӣ консепсияи гуманистии худро пешкаш карда, ба боло бурдани нақш ва мақоми инсон дар ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқ, манфиатҳо ва шаъну шарафи ӯ мусоидат намудааст. Мутафаккир ҳуқуқҳои табақаҳои меҳнатӣ, камбағалонро ҳимоя намуда, меҳнатро ҳамчун воситаи асосии болоравии сатҳи зиндагӣ ҳисобидааст. Мавлоно Ҷомӣ ғояи баробарӣ, озодии одамон, дастгирии камбағалонро пайваста тарғибу талқин намудааст.

Дар рисола баробари комёбиҳо баъзе ақидаҳои баҳсталаб, норасоиҳо баназар мерасанд, ки ислҳи онҳо боиси мукаммал шудани диссертатсия хоҳанд гашт:

1. Дар рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ дида мешаванд.
2. Хуб мешуд, ки таҳлили муқоисавии таълимоти Ҷомӣ бо муттасаввифони пешин пурқувват карда шавад.

3. Баъзе бандҳои муқаддимаи дисертатсияро бо Низомномаи нав мувофиқ намудан зарур аст.
4. Ба қадри имкон вобаста кардани ақидаҳои пешқадами Ҷомӣ дар бораи инсони комил ба шароити имрӯзаи Тоҷикистони муосир мувофиқи матлаб мебуд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Ҷураев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ» тадқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа аст.

Баъдан зимни баромади хеш Ҳасанова Зебиносо Абдулатиповна номзади илми фалсафа, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров изҳор кард, ки рисолаи мавриди назар, ки аз ҷониби унвонҷӯ Ҷураева Манучеҳр Бобоқулович анҷом ёфтааст, ба мавзуи хеле муҳим ва таҳқиқношуда – масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст.

Чунон ки маълум аст, аввалин ақидаҳо дар бораи инсон хеле пеш аз он, ки фалсафа мақоми илми хиради инсониро пайдо кунад, ба вуҷуд омадаанд. Дар бораи табиат ва ҳадафи инсон, мавҷудияти ӯ дар ривояту афсона ва навиштаҷот гуфта мешуд. Фаҳмиши фалсафии инсон маҳз дар заминаи ғояҳо ва образҳое, ки дар онҳо ҷойгир шуда буданд ва дар муҳити муколамаи фалсафа ва мифология ба вуҷуд омада буданд, зуҳур кардааст. Ҳамин тавр, аввалин таълимот дар бораи инсон дар мамлакатҳои Шарқи Қадим, хусусан дар Эрон (зардуштӣ) ва дар сохторҳои давлатии Осиёи Миёна пайдо шудаанд. Афкори фалсафӣ ва антропологии форс-тоҷик ҳамеша ва дар ҳама давру замон гуногунии бархӯрдҳоро ба масъалаи инсон нишон додааст. Аз ин ҷиҳат мавзуи интихобкардаи Ҷураев Манучеҳр Бобоқулович мубрам ҳисобида шуда, он яке аз иқдомҳои аввалин дар омӯзиши масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ ба шумор меравад.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мувофиқ аст.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талаботи таҳияи рисолаҳои илмӣ омода гардида, дар он аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок карда шудааст. Ҳамчунин дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муаллиф, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, рӯйхати интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия зикр ёфтааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки аз се зерфасл иборат аст, Ҷураев М. Б. диққати худро ба метавон гуфт, ки ба зиндагӣ ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ, вазъи иҷтимоӣ-сиёсии замони ӯ, нақши тасаввуф дар инкишофи ҷаҳонбинии мутафаккир равона кардааст.

Андешаи «инсони комил» ҳанӯз дар оғози пайдоши худ дар асри XIII дар шакли таълимоти мукаммал дар андешаҳои мутафаккирони Ҳинду Чин ва Эрону Юнон вуҷуд доштааст. Аз ин рӯ, ин андеша маҳсули фикрии хоси мутафаккирони сӯфимазҳаби исломӣ набуда, дар афкори дигар дину оинҳо низ ёдоварӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, таърихи то ҳанӯз норавшани таълимотҳо ва асли ғояи комил, вай дар таълимоти инсон комил на фақат эҳёи дубора ёфт, балки мағз то мағзи таълимоти сӯфиёнаи инсони комилро фаро гирифта, дар давраҳои гуногуни тавсеъа ва инкишофаш – Аз Ибни Арабӣ то Ҷиллӣ, Насафӣ, Шабистарӣ, Мавлоно, Ҷомӣ ва Муҳаммади Иқбол мазмун ва муҳтавои онро ташкил додааст. Нуктаи дигар ин аст, ки дар тасаввуфи исломӣ андешаи инсони комил ба таълимоти мукаммал табдил ёфта, дар паҳншавии афкори исломӣ дар миёни мардуми Осиёи Миёна таъсири бузург гузоштааст. Андешаи инсони комил дар санъат, фалсафа, мусиқӣ ва адаби ислом чунон барҷаста буд, ки ҷараёнҳои дигари Шарқ – калому машшоия ва исмоилия натавонистаанд ба он муқобилият кунанд.

Ҳамчунин диссертант муайян намудааст, ки таҳлили таълимоти бунёдӣ дар бораи инсон дар фалсафаи асримиёнагии форсу тоҷик равшан нишон медиҳад, ки бо вуҷуди тамоми неруҳои дин ва ҷаҳонбинии динӣ ҳам перипатетизми шарқӣ, ҳам калом ва ҳам тасаввуф ба тағйироти ҷиддие дар фарҳанги маънавӣ, ҷахонбинӣ мусоидат кардааст. Ин ва дигар мактабҳои фалсафию динии давраи Ҷомӣ ба ташаккул ва инкишофи ҷаҳонбинии мутафаккир таъсири зиёд расонидаанд.

Дар боби дуюми рисола, ки аз се зерфасл иборат аст, ба андешаи муаллиф андешаҳои антропологии Абдураҳмони Ҷомӣ маҳз дар зери таъсири таълимоти дини ислом ва мутафаккирони исломӣ ба вуҷуд омада рушд ёфтааст.

Аз таҳлили ин масъала Ҷӯраев М. Б. ба хулосае омадааст, ки шаъну шараф ва манфиатҳои инсони комил дар маркази таваҷҷӯҳи мутафаккир қарор доранд. Ӯ консепсияи гуманистонаи худро пешкаш намудааст, ки ба боло бурдани нақш ва мақоми инсон дар ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқ, манфиатҳо ва шаъну шарафи ӯ равона шудаанд. Ҷомӣ ҳуқуқҳои табақаҳои меҳнатӣ, камбағалонро ҳимоя намуда, меҳнатро ҳамчун воситаи асосии болоравии сатҳи зиндагӣ, тавсиф менамояд. Мутафаккир ғояи баробарии одамонро ҳамчун аъзоёни навъи ягонаи инсонӣ, зарурати озод кардани ғуломон, дастгирии камбизоатон ва мутеъонро пешкаш кардааст.

Ҳамин тавр, диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро кардааст, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшударо ҳаллу фасл намудааст.

Навоварии таҳқиқоти Ҷӯраев М. Б. дар он зоҳир мешавад, ки моҳияти таълимоти инсони комил, мазмуни ғоявии он дар шарҳу баёни назариётчиёни тасаввуф - Азизи Насафӣ, Маҳмуди Шабистарӣ, Абдукарими Ҷиллӣ, муфассалан шарҳу баён ёфтаанд, андешаҳои антропологӣ, махсусан инсони комил имкониятҳо ва истеъдодҳои ӯ дар самти касби камолот ба риштаи таҳлил кашида шудаанд, муҳаққиқ талош намудааст, ки то андозае паҳлӯҳои асосии консепсияи инсони комил ва ваҳдати вуҷудро дар осори Ҷомӣ шарҳ дода, тафоввути андешаҳои ӯро аз дигар мутафаккирони асрҳои миёнаи тоҷику форс равшану мушаххастар намояд.

Аммо дар рисолаи мавриди мухокима дар баробари комёбиҳо боз баъзе мавридҳои баҳсталаб, иштибоҳҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳ шудани онҳо боиси хуб шудани сифати диссертатсия хоҳад гардид:

1.Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, аммо дар он баъзан ғалатҳои имлоӣ ва мафҳумҳои мураккаб ба назар мерасанд.

2.Дар рисола ҳангоми қайд намудани эзоҳ (сноска) ба тартибот риоя карда нашудааст.

Камбудиҳои зикршуда ислоҳшавандаанд ва қимати илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд. Бояд қайд кард, ки Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи “Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ба дарёфти барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси: 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор аст.

Тазаккур гардид, ки нуқсонҳои фавқуззикр арзиши илмии таҳқиқотро халалдор карда наметавонанд. Диссертатсияи Ҷӯраев М.Б. кори илмии комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии ҷавобгӯ ба талаботи корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ таълиф шудааст.

Дар қисмати саволу ҷавоб профессорон Сабурӣ Х. М., Атоев А. М. дотсентон Холдоров О., Ҳакимова З., Ҷабборов И. иштирок намуда, ба саволҳои худ ҷавоби қонеъкунанда гирифтанд.

Дар қисмати муҳокима профессор Атоев А. баромад намуда, аз ҷумла, таъкид кард, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Ҷӯраев М. Б. дар ҷаҳони муосир аҳаммияти баландро доро мебошад.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – номзади илми фалсафа, дотсенти кафедраи ҷомеашиносии ДИСДДТТ Мирбобоев Мақсудҷон Қориакрамович ва Ҳасанова Зебиносо Абдулатиповна – номзади илми фалсафа, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров инчунин баромади профессорон Сабурӣ Х.М., Атоев А.М. дотсентон Холдоров О., Ҳакимова З., Ҷабборов И. Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» нисбат ба ҳусну қубҳи илмии диссертатсияи Ҷӯраев М. Б. ба чунин хулоса омад:

Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳлили андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи инсон ва ошкор сохтани аҳамияти илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоӣ-таърихии онҳо мебошад.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар забоншиносии тоҷик дар масъалаи омӯхтан ва баррасӣ намудани хусусиятҳои маъноиву сохтории ВФ-и дар захираи луғавии забони тоҷикӣ мавҷуда то имрӯз осори таҳқиқии судманд сурат гирифта, дар ин замина рисолаҳои фаровони илмии номзадиву докторӣ ба дифоъ расидаанд.

Дар чунин пажуҳишҳо аҳли таҳқиқ кӯшиш ба харҷ додаанд, ки услуби нигориши адибони муосирро дар мисоли корбурди ВФ нишон дода, умумияту тафовути онҳоро ошкор созанд ва ба ин васила хидмати ҳар кадом нависандаву шоирро дар ривоҷи забони тоҷикӣ инъикос намоянд, вале чунин иқдом дар асоси таълифоти аҳли илму адаби

даврони асримиёнагӣ, ба хусус таърихномаҳои садаҳои X-XIII пеш гирифта нашудааст. Маҳз ҳамин вазъи омӯзиши масъалаи зикргардида муаллифро водор намудааст, ки даст ба муайян намудани вижагиҳои корбурди таркибу ибороти рехтаи осори таърихии қарнҳои X-XIII зада, нақши ҳар кадом муаллиф ё мутарҷими таърихномаҳоро дар инкишофи забони адабии тоҷикӣ нишон диҳад.

Диссертант барои ба **мақсаду ҳадафҳои** худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро муҳим мешуморад:

-баррасии заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии ташаккули афкори фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ;

- нишон додани вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва зиндагии мутафаккир;

- ошкор сохтани таъсири таълимоти тасаввуф, аз қабили Азизи Насафӣ, Ҷелонӣ, Ибни Арабӣ ва дигарон дар ташаккули андешаҳои фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ ва муайян намудани муносибати мутафаккир ба таълимоти онҳо;

- мавриди омӯзиш қарор додани андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи инсон, махсусан консепсияи инсони комил ва ваҳдати вуҷуд дар осори ӯ;

- нишон додани масъалаи инсон дар ашъори Абдураҳмони Ҷомӣ;

- баррасии масъалаи ахлоқ дар таълимоти фалсафӣ-тасаввуфии Абдраҳмони Ҷомӣ.

Зимни тадқиқи диссертатсия пажуҳишу тадқиқоти файласуфони ватанию хориҷӣ, ба монанди ба монанди С.Брагинский, А.Баҳовуддинов, М. Раҷабов, К. Олимзода, Р. Комилов, И. Зиёзода, А. Мирзоев, М. Орифӣ , Р. Ҳошим, Ш. Ҳусейнзода,А.Насриддинов, А. Сатторов, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, П. Ниёзов, С. Шамисо, З. Саҷҷодӣ, Э. Табарӣ, Ғ. Юсуфӣ, Алиасғари Ҳалабӣ, Аббос Меҳрин Шуштарӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Муҳаммад Исмоили Мубаллиғ ва дигарон ба эътибор гирифта шудааст.

Навгонӣи илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи инсон, хусусиятҳои ин таълимот аз дидгоҳи таҳлили илмӣ-фалсафӣ баррасӣ гардидаанд. Нуктаҳои зерин бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки аз навгониҳои ин рисола гувоҳӣ медиҳанд:

- бори аввал таҳқиқи пурраи фалсафии масъалаи инсон дар ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ анҷом дода шуда, сарчашмаҳои ғоявии ҷаҳонбинии антропологии мутафаккир ошкор карда шудааст;

- таъсири таълимоти аҳли тасаввуф, аз қабили Азизи Насафӣ, Ҷелонӣ, Ибни Арабӣ ва дигарон дар ташаккули андешаҳои фалсафи инсонпарваронаи Абдураҳмони Ҷомӣ нишон дода шуда, муайян карда шуд, мутафаккир ҳангоми баррасии масъалаи инсон зери таъсири суфиҳои зикргардида қарор доштааст;

- бори аввал андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи инсон, махсусан консепсияи инсони комил ва ваҳдати вуҷуд дар осори ӯ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд;

- дар рисола аз ашъори суфиёнаи Абдураҳмони Ҷомӣ васеъ истифода шуда, исбот гардидааст, ки мутафаккир андешаҳояшро дар масъалаи инсон бештар тавассути ашъор пешниҳод кардааст;

- муайян карда шудааст, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар масъалаи ахлоқ низ дар заминаи таълимоти фалсафӣ-тасаввуфии худ андешаҳои ҷолиб пешниҳод кардааст, ки имрӯз низ аз аҳамият холӣ нестанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот** аз он иборат аст, ки нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои коркарди курсҳои махсуси таълимӣ метавонанд маводи лозима ва ёрирасонро пешниҳод намоянд. Онҳоро метавон дар таҳқиқоти минбаъдаи антропологияи исломӣ, омӯзиши андешаҳои антропологии суфиёнаи Абдураҳмони Ҷомӣ ва махсусан муносибати ӯ ба консепсияи ваҳдати вуҷуди Ибни Арабӣ, дар курсҳои лексионӣ аз таърихи фалсафа ва фалсафаи дин, таҳияи курсҳои махсус, навиштани рисолаҳои илмии доктории дараҷаи PhD, магистрӣ, рисолаҳои хатми дараҷаи бакалавр, корҳои курсӣ дар оид ба антропологияи фалсафӣ ва тасаввуфшиносӣ метавон истифода бурд.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

Мазмун ва хулосаҳои таҳқиқот тасдиқ мекунанд, ки осори Абдураҳмони Ҷомӣ, хусусан рисолаҳои фалсафию ахлоқии ӯ, ки дар шакли наср ва назм навишта шудаанд, масъалаҳои инсон ва мавқеъи ӯро дар олам ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳанд. Андешаҳои Ҷомӣ дар масъалаи инсон дар шароити муосир низ аҳамияти хос доранд.

2. Хулосаи андешаҳои антропологии Абдураҳмони Ҷомӣ аз он иборат аст, ки инсон олитарин офаридаи Худост. Дар фалсафаи мутафаккир инсон ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳати биологӣ комил аст. Дониш ва фазилат дар раванди инкишоф ва такмили тафаккури инсон ба даст меояд. Дар ибтидои роҳ шуури ӯ мукаммал нест. Барои он ки инсон дар байни маънавӣ ва ҷисмонӣ ҳамоҳангӣ дошта бошад, ӯ бояд хислатҳои некро ба даст оварда, хислати худро такмил диҳад. Дар ин замина метавон гуфт, ки мақоми инсоне, ки ӯ муайян кардааст дар заминаи таълимоти ислом ташаккул ёфтааст. Зеро мақоми инсон дар антропологияи исломӣ ҳамчун халифаи Худо дар замин муайян гардида, ҳадафаш анҷом додани корҳои заминӣ тибқи иродаи худовандӣ мебошад. Барои анҷом додани ин вазифа танҳо ба инсон маърифати асмои илоҳӣ дода шудааст. Меъёри иҷрои ин рисолат вазифаи асосии виҷдони ҳар як инсони конкретӣ, вобаста аз сатҳи камолоти маънавии шахсият, сатҳи имондорӣ ва ахлоқӣ, ихлосу амали ӯ вобаста мебошад. Маҳз барои ҳамин инсон масъулияти комилро барои амалҳои худ бояд анҷом диҳад;

3. Абдураҳмони Ҷомӣ инсонро аз нуқтаи назари теология таҳқиқ намуда, на танҳо мафҳуми худро дар бораи пайдоиши инсон ва моҳияти вай дар заминаи онтология ба миён гузоштааст, балки вазифаи сохторию функсионалии рӯҳи ӯ, моҳияти зеҳнии инсон, асосҳои ахлоқӣ ва маънавии ӯ, моҳияти эҷодии ӯ, роҳҳои худтакмилдиҳиро асоснок кардааст. Мутафаккир дар баробари ин, моҳияти иҷтимоии инсонро муайян карда, ба саволҳое ҷавоб додааст, ки дар ҷамъият шахс будан чӣ маъно дорад ва барои зуҳуроти инсонӣ дар одам чӣ гуна ҷамъият бояд бошад. Масъалаи инсони комили ӯ

низ маҳз дар заминаи таълимоти исломӣ ташаккул ёфтааст. Ба андешаи Ҷомӣ консепсияи инсони комил нуктаи баландтарини антропологияи исломиро ташкил медиҳад. Инсони комил танҳо дар натиҷаи анҷом додани даври комил, аз ду қисмати роҳ, сайри нузулӣ ва сайри суудӣ: қавси нузул ва қавси сууд иборат аст, пайдо мешавад;

4. Дар антропологияи фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ масъалаи озодии ирода низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ӯ бовар дошт, ки Худо инсонро офарида, барои ӯ қонун муқаррар кардааст, аммо дар айни замон барои ӯ имкони риояи қонунҳои худашро нигоҳ доштааст, зеро ҳатто қонуни илоҳӣ иродаи инсонро маҳдуд намекунад. Худо на танҳо инсонро офарид, балки ӯро як мавҷуди озоду худмухтор гардонид, ки қодир ба қувваи худаш такя кунад. Ҳангоми интихоби амал, ба андешаи ӯ нияти шахс нақши калидӣ дорад. Ният ва амал бо кумаку иштирок ва таъсири бевоситаи ақл амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, мутафаккир дар тамоми ашъори худ аксар вақт чунин андешаро такрор мекунад, ки Худо ба инсон ақл додааст, то худи ӯ бо кӯмаки он амалҳои худро идора кунад ва онҳоро назорат кунад. Маҳз ақл бо озодии ирода робитаи зич дорад – мегӯяд Ҷомӣ.

5. Дар диссертатсия кӯшишҳои Ҷомӣ барои бартараф гардонидани маҳдудиятҳои шуури анъанавии динӣ, ҷиҳати ба онҳо бахшидани ақлоният ва хирадмандӣ нишон дода шудаанд, ки ин андешаҳо дар консепсияи ахлоқии ҳакимон ва сиёсатмадорони давр равшану ошкор мегарданд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи муаллиф, ки аз байни онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтааст: Муҳтавои мавзӯи диссертатсия дар 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, инъикос ёфтааст:

**[1-М]**. Сравнительный анализ антропологии Абу Бакра Рази и Абу Насара Фараби (степень изученности проблемы) // М. Ҷураев. Паёми ДДМТ.- Душанбе, 2020. -№8. -С. 155-162.

**[2-М]**. Одамият аз нигоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ // М. Ҷураев. Паёми ДДМТ.- Душанбе, 2021. -№7. - С. 125-128.

**[3-М]**. Исторические и социально-политические основы формирования философской мысли Абдуррахмана Джами // М. Ҷураев. Паёми ДДМТ.- Душанбе, 2022. -№5. -С. 161-166.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» бо қарори №5, аз таърихи 04.01.2023 диссертатсияи номзадии Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқуловичро таҳти унвони «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ» кори муҳиму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад.

Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа тавсия намуд.

Иштирок доштанд: 54 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 54 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратмаҷлиси № 5-ум, аз 29-уми декабри соли 2022.


Раиси Шурои олимон,
доктори илми таърих,
профессор — Усмонзода А.И.
**Телефон:** (+992) 754-24-04
почтаи эл.: www.hgu.tj

Муқарризон:

номзади илми фалсафа,
дотсенти кафедраи
ҷомеашиносии ДИСДДТТ. — Мирбобоев М.Қ.
**Телефон:** (+992)774-29-98
почтаи эл: mail@dddtt.tj : tguk@mail.ru

номзади илми фалсафа, дотсент,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
фалсафаи ДДХ ба номи академик
Б. Ғафуров — Ҳасанова З.А.
**Телефон:** (+992)776-21-28
почтаи эл: : zebiniso-khasanova@mail.ru

Котиби шуро, дотсент — Ҳасанова М.И.
**Телефон:**(+992)92-778-98-91
почтаи эл: hmi_82@mail.ru

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1.
Телефон: (+992-3422) 6-52-73, факс: (992-3422) 6-75-18
www.hgu.tg, e-mail: rektor@ hgu.tg


Имзои профессор А. И. Усмонзодаро
тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» — Наврузов Э.М.

29 декабри соли 2022